Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

25 декабри соли 2002. Чоршанбе № 100 (12842)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.30 имзо гардид.

Қарори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

## Дар бораи Буҷаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон барои соли 2003

Лоиҳаи Буҷаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистонро барои соли 2003, ки Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон пешкаш кардааст, баррасӣ карда, бо назардошти таклифу мулоҳизаҳое, ки вакилони халқи Олий Маҷлис дар рафти муҳокимаронии он баён карданд, Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон **қарор мекунад:**

1. Буҷаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон барои соли 2003 дар дараҷаи ҳаддии инфлятсия ба андозаи 2,0 фоиз нисбати ҳаҷми маҳсулоти умумии дохила маъқул дониста шавад.

Манбаъҳои сарпуркунии камчинии Буҷаи давлатӣ танҳо манбаъҳои ғайриинфлятсионии бо маблағфарогирӣ муайян карда шаванд.

2. Ба Ҳукумати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон (Ӯ.Султонов) супурда шавад:

рушди устуворонаву муназзами иқтисодиёт, амалӣ гардондани сиёсати қатъии пуливу вомӣ, кам кардани муовизаи ғайрибонкии маблағҳои пулӣ, минбаъда таҳким бахшидани асъори миллӣ, бо маблағфарогирии барномаҳои устувори иҷтимоӣ, сарфа кардани маблағҳои буҷавиро таъмин созад;

фишангҳои иловагии рағбатноксозиро барои рушди соҳибкории хурду миёна ва тадбиргарӣ, баланд бардоштани мақоми онҳоро дар бобати ба вуҷуд овардани маҳсулоти умумии дохила ва моломол кардани бозори дохилаи истеъмолӣ бо молҳои истеҳсолоти ватанӣ ба вуҷуд оварда, диққату эътиборро ба қобилияти ба рақобаттобоварии онҳо нигаронад;

камчинии Буҷаи давлатиро аз ҳисоби манбаъҳои ғайриинфлятсионӣ, аз он ҷумла аз ҳисоби маблағҳои аз раванди хусусигардонӣ воридшаванда, боқимондаҳои маблағҳои бунёдҳои мақсадноки давлатӣ, боқимондаҳои маблағҳои буҷаи давлатӣ ва қарзҳои беруна сарпур кунад;

аз рӯи натиҷаҳои таҳлили ҳарсемоҳаи иҷрои дурнамои нишондиҳандаҳои меҳиқтисодӣ ва иҷрои Буҷаи давлатӣ, агар зарурат пайдо гардад, ба самтҳои Буҷаи давлатӣ дар ҳадди камчинии пешбинигардидаи Буҷаи давлатӣ саҳеҳиҳоро дарорад.

3. Ба қарзи дохилаи Ҳукумати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон вомҳои Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, ки барои бо маблағфарогирии камчинии Буҷаи давлатӣ то вазъи 1 январи соли 2003 дода шудаанд, баробари пардохтани онҳо бо ҳиссаи баробар аз соли 2007 дар бадали даҳ сол мансуб дониста шавад.

4. Ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо супурда шавад, ки пурра ворид гардидани пардохтро ба буҷа, сари вақт бо маблағ фарогирии хароҷотҳоро аз маблағҳои буҷавӣ таъмин созанд ва назорати босамарро аз болои истифодабарии маблағҳои буҷавӣ ба роҳ монанд.

**Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**
**Э.ХАЛИЛОВ.**

Шаҳри Тошканд, 12 декабри соли 2002.

## Ёдбуди шоири бузурги украин

Рӯзи дуюми сафари хидматии Президенти Ҷумҳурияти Украина Леонид Кучма, ки ба мамлакати мо мувофиқи таклифи сарвари давлатамон Ислом Каримов ташриф овардааст, бо азназаргузаронии Маҷмӯи варзишиву солимгардонии «Ӯзбекистон»-и пойтахт оғоз ёфт. Меҳмони воломақом ба Қасри обии варзиш, ки пурра ба андозаҳои ҷаҳонӣ, талабҳои меъморӣ ҷавобгӯст, корти бошукӯҳи теннис, ки дорои ҳамаи қулаиҳо мебошад, баҳои баланд дод.

Президентҳо дар маросими кушоиши ҳайкал ба Тарас Шевченко, ки дар Тошканд ҳамчун нишони эҳтироми бузурги ёдбуди шоири бузурги украин қад кашидааст, иштирок намуданд.

Тадбири мутантанро ҳокими шаҳри Тошканд Рустам Шоабдураҳмонов бо сухани ифтитоҳӣ кушод. Сурудҳои миллии ду мамлакат садо доданд.

Гузошта шудани ҳайкал ба фарзанди бузурги халқи украин дар Тошканд боз як далели муҳим дар бобати эҳтироми бузурги мо нисбати халқи украин, таърих ва фарҳанги он, забон, рӯҳи бузургу шикастнопазири он мебошад, гуфт сарвари давлатамон. Сарзамини босаховати Украина ба инсоният Тарас Шевченко—шоири мутафаккир, мусаввири боистеъдод, асосгузори адабиёти нави украин, тараннумгари озодиро пешкаш намуд.

Китоби асосии вай—«Кобзар» дурдонаи оқилӣ, некӣ ва эътимод баояндаи Украина гардид.

Эҷодиёти шоири бузурги украин ба қалби халқи ӯзбек хеле наздик аст. Асарҳои аз ҳама машҳури ӯро ба забони ӯзбекӣ, чунин устодони қалам, аз қабили Ҳамид Олимҷон, Амин Умар, Ҳасан Пӯлод, Мақсуд Шайхзода, Зулфия, Миртемир тарҷума кардаанд.

Дар бораи аҳамияти гузоштани ҳайкали Тарас Шевченко дар шафати мактаби ба номи ӯ ҳарф зада, сарвари давлатамон чунин баён намуд:

—Солҳо, даҳсолаҳо, садсолаҳо мегузаранд. Вале ин ёдгорӣ ва ин мактаб ба маънои ҳақиқӣ ва аҳамияти сухан ҳамеша амалан аз роҳи ғайриоддие, ки халқҳои мо дар бобати ба даст овардани истиқлол ва мустақилият паймуданд, аз он ҷонибдориву кӯмаки калоне, ки Украина ба мо дар рӯзҳои душвори заминларзаи соли 1966-уми Тошканд расондаасту Украина якҷоя бо халқи мо ва ҳамаи ононе, ки барои кӯмак ба Ӯзбекистон омада буданд, пойтахти моро сохтанду аз нав барқарор намудаанд, аёният мегардад.

—Ман аз иштирок дар маросими мутантани кушоиши ҳайкал ба фарзанди бузурги халқи украин Тарас Шевченко хеле мамнун ҳастам,—гуфт Леонид Кучма.— Ман ба халқи Ӯзбекистон, Президент Ислом Каримов барои эҳтироми амиқ нисбати хотираи шоири бузурги мо Тарас Шевченко миннатдории худро изҳор менамоям.

Сарварони ду давлат ба пояи ҳайкал гулдастаҳо гузоштанд. Дар ин ҷо президентҳо ба намояндагони қавми украинӣ, ки дар Ӯзбекистон истиқомат доранд, вохӯрданд. Дар рафти сӯҳбати гарму ҷӯшон сухан аз хусуси диққату эътибори баланде, ки дар мамлакатамон нисбати рушди фарҳанги халқи украин, дӯстӣ ва ризоият байни ду халқ зоҳир карда мешавад, рафт.

Леонид Кучма ва Ислом Каримов мактаби рақами 110-умро дидан карданд. Сарварони ду мамлакатро дар ин ҷо бачагон дар бар либосҳои миллии украиниву ӯзбекӣ бо гулдастаҳо пешвоз гирифтанд. Президентҳо бо шароите, ки дар синфхонаҳои компутерии ин мактаб фароҳам оварда шудаанд, шиносо гардида, бо муҳассилин ва омӯзгорон сӯҳбат намуданд. Мактабхонон, ки дар ин ҷо сирру асрори корро бо компутерҳо меомӯзанд, аз хусуси орзуву омоли хеш нақл карда, ба забонҳои украиниву ӯзбекӣ сурудҳо хонданд.

Бо ҳамин сафари хидматии Президенти Ҷумҳурияти Украина Леонид Кучма ба Ӯзбекистон ба анҷом расид. Меҳмони воломақомро дар майдони ҳавоии Тошканд Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов гуселонид.

**Озод РАҶАБОВ,**
**мухбири ЎзА.**

## «Ситораи Сиолковский»-ро дарёфт

Ба физики кайҳоншинос супурда шудани «Ситораи Сиолковский» дар минтақаи мо ҳодисаи нодир аст. Ба ин мукофоти Оҷонсии ҳавопаймоиву кайҳоншиносии Русия академик, Ходими шоистаи илми Ӯзбекистон Шавкат Воҳидов сазовор гаштааст.

Ҳамватани ситорашиноси маъруф Мирзо Улуғбек, фориғуттаҳсили факултаи физикаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд Шавкат Аҳадович ҳаёт ва фаъолияти худро ба моддаҳои сахтгудоз ва кайҳон бахшид. Рисолаи номзадии худро дар Пажӯҳишгоҳи физикаи ядроии Академияи улуми Ӯзбекистон ҳимоя кард. Дар ин даргоҳи илм солҳои тӯлонӣ кор пеш бурда, дар Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии кристоллографияи Маскав рисолаи докторӣ ҳимоя кард.

Солҳои зиёд ба Иттиҳодияи илмию истеҳсолии «Коинот» роҳбарӣ намуда, ҳоло конструктори кулли он мебошад. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар ин иттиҳодия дар замони худ дастгоҳҳои нодир ва василаҳои аҷиб ба вуҷуд оварда мешуд. Онҳо махсусан барои омӯзиши фазои дуру наздик муқаррар гаштаанд. Фаразан, термобусҳо, ки дар Моҳ ва Зӯҳра ва радифи маснӯъи Фабоси Миррих, ё василаҳои киштиҳои кайҳонии «Салют» ва «Мир» истифода шудаанд, маҳсулоти ҳамин иттиҳодия мебошад.

Фаъолияти омӯзгорӣ ва ҷамъиятии Шавкат Воҳидов дар Мактаби аэрокосмикии ҷумҳурӣ ва Бунёди байналхалқии аэроксмикии ҷавонон акси амиқи худро ёфтааст.

Шавкат Воҳидов на танҳо дар соҳаҳои номбурда, балки дар ҷодаи адабиёт низ заҳматҳо дорад, ки нақди адабӣ ва дастхатшиносӣ барои академики соҳаи физика аз ҷузъи ногусастании кору фаъолияти ҳаррӯзаи ӯ мебошад.

Ш. Воҳидов академики ҳафт академияи ҷаҳон мебошад ва медали навбатии «Ситораи Сиолковский», ки ба муносибати 70 солагии олим тақдим гаштааст, бешак подоше ба заҳматҳои олим аст.

**Ш. ЗАЙНУДДИНОВ.**

## Кӯлҳо аз об лаболаб мешаванд

**Ду сол боз шӯъбаи нукусии Бунёди байналхалқии наҷоти Арал марҳала ба марҳала ба рӯи об баровардани лоиҳаҳоеро ба сомон мерасонад, ки ба мӯътадил гардондани вазъи экологии ҳавзаи Арал нигаронда шудааст. Дар натиҷаи амалӣ гардондани тадбирҳои сершумор кӯлҳо, аз қабили Судече, Междуречье, Жалтирбас, халиҷҳои Мӯйноқ ва Балиқчӣ, ки майдони умумии ҳудудашон беш аз 110 ҳазор гектар мебошанд, бо об лаболаб гардиданд.**

Мувофиқи лоиҳаҳо қариб даҳ иншооти мухталифи обгузаронӣ, беш аз сад километр сарбанд сохта шуданд. Дар бобати иҷрои ин корҳо саҳми бинокорони ҷамъиятҳои саҳҳомии ноҳияҳои Қӯнғирот ва Мӯйноқ калон аст, ки ба таркиби Ассотсиатсияи саҳҳомии «Оролсувқурилиш» шомиланд.

Дар бандари Балиқчӣ сохтмони ду иншоот, ки ҳар кадом дар як сония 10 метри мукааб обро ҷорӣ кунонда метавонанд, ба анҷом мерасад. Бинокорони Ҷамъияти саҳҳомии «Мӯйноқсувқурилиш» обекти мазкурро дар Соли нав ба истифода супурданианд.

—Навбати аввали лоиҳаи байналхалқии доманадор дар арафаи ба анҷомрасист,—мегӯяд директори шӯъбаи нукусии Бунёди байналхалқии наҷоти Арал Уббиниёз Аширбеков.—Навбати дуюми лоиҳаи мазкур, ки ба мӯътадил гардондани вазъи экологии минтақаи Арал, офият бахшидани олами ҳайвоноту наботот нигаронда шудааст, бешак аҳамияти хеле муҳим касб мекунад. Баробари ин боз 90 ҳазор гектар замин шодоб хоҳад гардид. Ба ин мақсад кӯлҳои сунъӣ ба вуҷуд оварда мешаванд. Обпартовҳои мавҷуда таҷдид гардида, майдонашон вусъат дода, баланд бардоштани сатҳи обашон дар назар дошта шудааст.

Аз ҳама муҳимаш, ҳаёт дар кӯлҳои хушкшуда аз нав ба роҳ монда мешаваду имконияти боз ривоҷ додани саноати моҳипарварӣ дар Қароқалпоқистон фароҳам меояд.

**А.ОРТИҚБОЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

## Фаъолияти занон дар Соли маҳаллаи обод

Аз ҷониби Президенти мамлакатамон Ислом Каримов Соли маҳаллаи обод эълон гардидани соли 2003 на танҳо ба минбаъда баланд гаштани мақоми иқтисодиву ҳуқуқии маҳалла боис мегардад, балки ба зиммаи он масъулияти калонро ҳам мегузорад. Дар ин бобат Амри Президент дар хусуси сомон додани Комиссияи ҷумҳурӣ оид ба таҳия ва ба рӯи об баровардани Барномаи «Соли маҳаллаи обод» аҳамияти муҳим касб мекунад. Дар ин бобат сухан дар маҷлиси васеи садорати Кумитаи занони ҷумҳурият рафт.

Дар маҷлис, ки таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазир, раиси Кумитаи занони ҷумҳурият Д.Ғуломова гузашт, кормандони масъули кумитаҳои занони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, шаҳри Тошканд ва вилоятҳо, сарварони вазорату идораҳои дахлдор иштирок намуданд.

Маҳалла вазифаи бузурги тарбиявиро баробари такя намудан ба анъанот ва урфу одатҳои асринаи халқамон ба иҷро мерасонад. Маслиҳатҳои оқилонаи оқсақолон дар мисоли таҷрибаи шахсии куҳансолон, ҳамсоягии нек ва ризоят дар шуури одамон ғояҳои некхоҳиро ҷойгир месозад. Дар ин бобат аҳливу тифоқӣ ва ризоияти ҳар як оила, иштироки фаъолонаи маҳаллаҳо ва кумитаҳои занон дар тарбияи авлоди наврас аҳамияти калон касб мекунад.

Дар маҷлис масъалаҳои алоқаманди муайян кардани вазифаҳои кумитаҳои занон ба муносибати Соли маҳаллаи обод, таъмини қарори Девони Вазирон дар бораи тадбирҳо оид ба рӯи об баровардани Барномаи ҷонибдории нишонидори табақаҳои камбисоти аҳолӣ, ки ба солҳои 2002-2003 таъин гардидаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳамчунин ба масъалаҳои шуғли занон, махсусан занони деҳот, рушди тадбиргарӣ, соҳибкории хурду миёна диққату эътибори калон нигаронда шуданд.

Дар рафти муҳокимарониҳо самтҳои фаъолияти кумитаҳои занон дар Соли маҳаллаи обод муайян гардиданд. Зарурати андешидани тадбирҳои амалӣ оид ба кам кардани хароҷоти тӯйҳо, ҳар гуна тантанаҳои оилавӣ ва урфу одатҳо зикр ёфт. Баробари ин дар хусуси зарурати ҷонибдории нишонидори табақаҳои аҳолие, ки ба кӯмаки иҷтимоӣ эҳтиёҷманд ҳастанд, таъмини адолати иҷтимоӣ ҳангоми таъин кардани кӯмакпулиҳо ба оилаҳо ҳарф зада шуд. Аз хусуси васеъ ба роҳ мондани корҳои тарғиботиву таблиғотӣ дар байни аҳолии ноҳияҳову деҳаҳои дурдаст, ташкили ҳар гуна вохӯрихою сӯҳбатҳо дар гирди мизи мудаввар изҳори ақида карда шуд.

**Назокат УСМОНОВА,**
**мухбири ЎзА.**

## Маркази солимгардонии Чорбоғ



Дар ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд маросими мутантани кушоиши Маркази солимгардонии «Чорвоқ оромгоҳи» ба амал омад.

Дар маросим ҳокими шаҳри Тошканд Р.Шоабдураҳмонов суханронӣ намуда, зикр кард, ки дар ҷумҳурият барои нигоҳ доштани сарватҳои табиӣ ва минбаъда таҳким бахшидани тандурустии ҳамватанонамон диққату эътибори махсус нигаронда шудааст. Мисоли равшани он ҳамин далел мебошад, ки маҳз як сол муқаддам дар ин ҷо бо ташаббуси Президент Ислом Каримов сохтмони маркази солимгардоние оғоз ёфт, ки ба тамоми талабҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ мебошад.

Моҳи сентябри соли 2001 қарори Девони Вазирон қабул гардид, ки ба нигоҳ доштани сарватҳои табиии минтақаи истироҳатии Чимён-Чорвоқ ва рушди низоми истироҳат дар ин ҷо нигаронда шуда буд. Ба мақсади ташкили истироҳат минтақаи мазкур ба туфайли шароити мусоиди иқлимиаш ба ҷумлаи минтақаи табиии махсусан ҳифзшаванда дохил гардид. Чуноне ки дар қарор пешбинӣ гардида буд, сохтмони коллектори магистраливу канализатсионии Ғазалкент-Чорвоқ-Бақачӯл, истгоҳҳои насосӣ барои обҳои партов, вусъат додани иншоотҳои тозакуниву канализатсионии Чорвоқ ҳамаи он омили таъмини озодагӣ дар ин гӯшаи ниҳоят зебоманзари мамлакатамон ба ҳисоб меравад.

Ҳокимияти шаҳри Тошканд дар минтақаи мазкур сохтани се меҳмонхонаи сеситорадор, ду пансионат, истгоҳҳои иловагии баркӣ, ҳавзаи шиновари тобистона ва дигар обектҳоро барои истироҳати бофароғати истироҳаткунандагон пешбинӣ кардааст.

Ҳоли ҳозир навбати якуми марказ, меҳмонхонаи дорои 124 ҷои қабул ба дараҷаи андозаҳои байналқӣ сохта шудаасту дар фасли дилхоҳи сол на танҳо ба ҳамватанонамон, балки меҳмонони хориҷа низ хизмат мерасонанд. Ҳамчунин ба ихтиёри истироҳаткунандагон пунктҳои прокат, тарабхона, қаҳвахона, майдончаҳои варзишӣ дода мешаванд.

Дар тадбир Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.Ҷӯрабеков, ҷонишини аввали Нахуствазири ҷумҳурият К.Тӯлаганов, ҳокими вилояти Тошканд Ӯ.Мирзоқулов иштирок намуданд.

**Назокат УСМОНОВА,**
**мухбири ЎзА.**

**Дар суратҳо: 1.** Намуди зоҳирии обектҳои Маркази тандурустии Чорвоқ.

**Аксбардор:**
**Н.МУҲАММАДҶОНОВ.**



Чорводорӣ

## Зимистонгузаронӣ имтиҳони ҷиддист

**Диққату эътибори калон, маҳорат, ҷасорат, ақлу идрок дар давраи зимистон аз чӯпонон барои серу пур ва беталаф нигоҳ доштани рамаҳо талаб карда мешавад. Аз рӯзҳои аввали моҳи декабр хеле сард омадани обу ҳаво, сар шудани зимистони қаҳратун ба зиммаи онҳо масъулияти ниҳоят калонро мегузорад.**

Имрӯзҳо бо назардошти вазъи ба амал омада ҳар як корхона ва ташкилоти Қароқалпоқистон ба он саҳми худро мегузорад, то ки меҳнати чӯпонон то андозае сабук гардад. Ташкилотҳои васоятгар чӯпононро бо либоси гарм ва озуқа таъмин мекунанд.

Имрӯзҳо дар ихтиёри чӯпонҳои қароқалпоқистонӣ 145 ҳазору 260 сар чорвои реза мебошад. Дар ҳафт хоҷагии ба қарокӯлпарварӣ, як хоҷагии зотпарварӣ, ду хоҷагии ба бӯрдоқикунӣ тахассусонидашуда диққату эътибори зарурӣ ба он нигаронда шудааст, то ки зимистон гарму сер ва чорво беталаф аз он бароварда шавад.

Раиси Жокарги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон Мӯсо Ерниёзов ба мақсади шиносоӣ бо вазъи кор дар отарҳо, шароите, ки ба чӯпонон фароҳам оварда шудаанд, хоҷагиҳои чорводории ноҳияҳои Тахтакӯпир, Қароӯзак, Берунӣ ва Элликқалъаро аз назар гузаронд.

**(ЎзА).**

Пахтакорӣ

## Кадом навъ беҳтар аст?

**Ба даст овардани ҳосили хушсифату фаровон пеш аз ҳама ба яке аз омили асосии соҳа—тухмипарварӣ ва селексия вобастагӣ дорад. Баробари ин дар майдонҳои хоҷагиҳо ҷойгир сохтани навъҳои тезпазу баландҳосили навъи пахтаи дорои сифати баланди нах ҳам аҳамияти муҳим касб менамояд. Аз ҳамин сабаб навъҳои пахта дар майдонҳо ҳар сол бо назардошти шароити хоку иқлими ҳар як хоҷагӣ, ноҳия ва вилоят кошта мешавад.**

Мувофиқи қарори Девони Вазирон аз 25 декабри соли 1998 додани ҳаққи иловагӣ ба хоҷагиҳои тухмипарварӣ, олимон-навъпарварон ва субъектҳое татбиқ гардид, ки бо тухмипарварӣ машғуланд. Агар соли 2000 ба ин мақсадҳо ҳафт миллиард сӯм харҷ гардида бошад, соли гузашта ин нишондиҳанда ба 11 миллиард сӯм расид.

Ба мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии пахта аз амалияи кишти навъҳои пештар пухтарасидаву вале худро сафеднакарда даст кашида мешавад. Масалан, ҳафт-ҳашт сол муқаддам дар саҳроҳои мамлакатамон беш аз сӣ навъи пахта кошта мешуд. Акнун миқдори онҳо то ба 12 навъ кам гардидааст.

Дар асоси қарори Девони Вазирон аз 19 декабри соли 2001 барои ҳосили соли кунун ба беш аз 1 миллиону 421 ҳазор гектар коштани ҳафт навъи тезпаз, 12 навъи миёнапаз, чор навъи пешомаднок ва нав пешбинӣ гардида буд. Дар маҳалҳо кишт дар майдонҳои асосии номбаргардида мувофиқи ҳуҷҷатҳои навъӣ кошта шудаанд.

Се соли охир ба кам гардидани истифодаи пунбадона ба як гектар муваффақ гардидем. Ба кишти як гектар аз 123 то 87 килограмм пунбадона истифода бурда шуд. Вале дар як қатор ноҳияҳо нишондиҳанда дар ин бобат ҳамоно баланд мебошад.

Дар мамлакатамон барои ҳосили соли оянда ба қадри кофӣ тухмӣ захира гардидааст. Тадқиқотҳои лабораторӣ собит мекунанд, ки нишондиҳандаҳои асосии тухмии тайёргардида ба талабҳои андозаҳо пурра мувофиқат мекунанд. Акнун гап дар сари вақту оқилона гузарондани кишт ва ба даст овардани ҳосили пешбинигардида мебошад.

Дар ин бора сухан дар маҷлис дар Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии об бахшида ба коштани навъҳои тухмии ҳосили соли оянда рафт. Дар маҷлис, ки таҳти сарпарастии Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Исмоил Ҷӯрабеков гузашт, сарварони вазорату идораҳои дахлдор, кумитаҳо, ширкатҳо ва ташкилотҳои маҷмӯи агросаноат, вазири кишоварзӣ ва хоҷагии оби Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҷонишинони аввали ҳокимони вилоятҳо, олимон-селексионерон, намояндагони як қатор хоҷагиҳои пешқадами ширкативу фермерӣ иштирок намуданд.

Дар маҷлис тавсияҳо оид ба дуруст коштани навъҳои пахта барои ҳосили соли оянда дода, зарурати пурзӯр кардани диққату эътибор ба ҷиҳатҳои муҳими масъалаи мазкур, аз қабили интихоби навъи тезпазу баландҳосили соҳиби нахи хубе, ки талабгорони зиёде дорад, зикр ёфт.

Дар маҷлис ҷонишини Нахуствазир, вазири кишоварзӣ ва хоҷагии об Н.Юсуфов иштирок намуд.

**Олим НОРБЕКОВ,**
**мухбири ЎзА.**

## Тӯҳфаҳои солинавӣ

Ҳар кас, ҳар як хонадон, ҳар як ҷомеа мехоҳад, ки ҳар як иду ҳар як санаи фархундаро хушу хурсандона, дар атрофи дастархони сернозу неъмат гузаронанд. Ва Соли нав ҳам аз он орӣ нест. Ба дастархони солинавӣ ва тадбирҳои солинавӣ махсусан арча, ҳар гуна бозичаву чароғҳои мухталифранг, Бобои Барфӣ, Духтари Барфӣ, ҳар гуна қаҳрамонҳои афсонаҳо шукӯҳи тамоман дигар мебахшанд. Бо назардошти ана ҳамин коркунони корхонаи муштараки ӯзбекистониву итолиёвии «Совпластитал» ҳам тӯҳфаҳои ба худ хосро тайёр намудаанд, ки онҳо аз Арчаву бозичаҳои он сар карда, то ҳар гуна чароғҳо, дигар асбобу ускунаи ороишӣ иборатанд.

Ва ин маҳсулот алҳол дар мағозаҳои фирмагии корхонаи муштарак фурӯхта мешавад ва теъдоди онҳо ба шаш адад баробар аст. То ҳол миқдори мағозаҳои фирмагӣ дар бозорҳои шаҳр панҷ адад буд. Бо назардошти талаби харидорон ва сермасриф будани маҳсули дасти коркунони худро ба назар гирифта, онҳо дар бозори «Бешёғоч» ҳам мағозаи навбатии фирмагии худро кушоданд ва алҳол дар ин ҷо маҳсулот ба пули нақд ва тавассути пул гузарондан фурӯхта мешавад.

Шумо аз ин ҷо баробари ҳар гуна тӯҳфаҳо арча ва бозичаҳои онро нисбати нархи бозор арзон харид карда метавонед. Аз ҳама муҳимаш дар ин ҷо барои ёру дӯстон, пайвандон тӯҳфаи зарурировро пайдо хоҳед кард.

**(Мухбири худамон).**

Ба муносибати даҳсолагии Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

# Маҳсули хирадмандии сиёсӣ ва тафаккури мардум

***<u>Имрӯзҳо, вакте ки даҳсолагии қабул гардидани Конститутсияамонро васеву мутантан таҷлил намудем, вазифаи умдаи дар ҳаёт татбиқ гардидани онро бояд мудом дар хотир дошта бошем. Зеро ҳамагон хуб дарк мекунанд, ки танҳо бо таърифи Қонуни Асосӣ ба бисёр чиз муваффақ гардиданамон аз имкон берун мебошад. Аз ин рӯ, ҳаматарафа омӯхтану дар ҳаёт татбиқ кардани нуктаҳои Қонуни Асосӣ, баланд бардоштани маданияти ҳуқуқӣ, саросар бартараф кардани бесаводии ҳуқуқӣ вазифаи умдаи имрӯза ба ҳисоб меравад. Эҳтироми қонун, риояи қонун бояд мизони асосии ҳаётамон гардад.</u>***

## XI. Итоаткорӣ ба қонун—шарти муҳими давлати демократии ҳуқуқбунёд

Маълум аст, ки дар давлатҳои демократии мутараққӣ ягон шаҳрванд, ягон инсон ҳифзи ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсии худ, манфиатҳои қонунии хешро бидуни Конститутсия тасаввур карда наметавонад. Бо дигар суханон баён кунем, вай дар ҳаёти рӯзмарраи хеш бештар ба нуктаҳо дар бораи ҳуқуқҳое муроҷиат мекунад, ки дар Қонуни Асосӣ акси худро пайдо кардаанд. Онҳо дар Конститутсия такягоҳ ва ҳифозатгари худро мебинанд.

Мутаассифона, ҳарчанд аз қабули конститутсияи мо даҳ сол сипарӣ шуда бошад ҳам, на дар ҳама ҷо омӯзиши он мувофиқи талаби замон ба роҳ монда шудааст. На ҳар як шаҳрванди Ӯзбекистон мазмуну мундариҷа ва моҳияти Конститутсияамонро ба таври ҳаққонӣ дарк мекунад, онро сар-сарӣ меомӯзад. Аз ин рӯ Амри Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи ташкили омӯзиши Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» қабул гардида, як қатор тадбирҳои доманадорро пешбинӣ кардааст, ки алҳол дар ҳаёт татбиқи амалии худро пайдо карда, натиҷаҳои аввалини матлуби худро мебахшад.

Акнун саволи ҳаққонӣ бармеояд: ба ин кор кӣ масъул асту аз онҳо чӣ талаб карда мешавад?

Дар бобати таъмини волоият пайдо кардани қонун баробари тамоми шаҳрвандон пеш аз ҳама мақомоти ҳифзи қонуну тартибот, минҷумла, прокуратура, суд, милиса, мақомоти андозу гумрук ва дигар мақомоти назоратбаранда масъулияти худро баланд бардошта, шахсони нопокеро бераҳмона ба ҷавобгарӣ кашанд, ки ба таъмини волоият доштани қонун, риояи қонун халал мерасонанд. Ва ин нукта пеш аз ҳама ба иллатҳои аз замони кӯҳна меросмонда, аз қабили беинсофӣ, ришватхӯрӣ, тамаъгирӣ, коррупсия, зӯроварӣ, маҳалгароӣ ва хешу ақрабопарастӣ алоқаманд мебошад.

Ин иллатҳо дар бадали ҳукмронии ҳафтоду чор соли сохти шӯравӣ мағз андар мағзи одамоне ҷойгир шудааст, ки дар ҳамон сохт зиндагӣ кардаанд ва тарбия ёфтаанд. Зеро дар ҳамон ҷамъияту сохт дар бораи қонун, моҳият, аҳамият ва нақши он дар ҷамъият кам андар кам ҳарф зада мешуд. Сабабаш маълум буд: дар шароити сохтори пештара мақоми қонун ва қонунбарориро мафкураи коммунистӣ, қарорҳои ҳизб муайян мекард. Ва ин мафкураи бардурӯғ ба ҳама ҷо — ҳам ҳаёти давлат, ҳам ҷамъият ва ҳам ҳаёти шахсон ва ҳатто корҳои дохилаи оилавӣ сар халонда, дар ҳама ҷо як хел ҳукмфармоӣ кардааст.

Албатта, инро ба авлоди навраси кунунӣ гӯед, бовар намекунад ва ҳатто хандааш ҳам меояд. Вале калонсолон, алалхусус ҷавононе, ки дар вақти салтанати пештара ба камол расидаанд, инро хуб медонанд. Чунки ҳамаашро аз сар гузарондаанд.

Табиист, ки ин иллатҳо дар шуури одамон то ба охир решакан нагардидаанд. Ва осори он то ҳол ҳис карда мешавад. Чунки ҳамон вақт онҳо на дар зери таъсири Қонуни Асосӣ, балки ғояҳое умр ба сар бурданд, ки то ба дараҷаи фармон расида буд. Ва солҳои охири истиқлолият барои аз ин иллатҳо ҷиддан халос шудан қадамҳои ҷиддӣ гузошта шуда, шиори «аз давлати муқтадир ба ҷамъияти пуриқтидори шаҳрвандӣ» дар ҳаёти рӯзмарраамон мақоми муҳим ишғол намуда, як қатор вазифаҳои мақомоти марказии давлатӣ ба зиммаи мақомоти маҳаллии ҳокимияту идораи давлатӣ ва мақомоти худидораи шаҳрвандон гузошта мешаваду дар бобати халос шудан аз иллатҳои пештара, аз он ҷумла итоаткорӣ ба давлат кӯмаки калон мерасонад.

Акнун саволи ҳаққонӣ ба миён омаданаш мумкин аст: дар мамлакати мо ҳам дараҷаи баланди эҳтиром нисбати Конститутсия ва қонунҳои қабулгардидаро оё таъмин кардан мумкин аст? Оё бо кадом роҳ таъмин карда мешавад?

Ин корро кардан мумкин аст ва ба он ягон кас шакку шубҳа накунад ҳам мешавад. Чунки мо сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти озоди шаҳрвандиро мақсади асосии худ қарор додаем, албатта, ба дараҷае мерасем, ки алҳол дар давлатҳои демократии аз нигоҳи иқтисодӣ мутараққӣ ҳукмрон асту меъёру асос дар онҳо итоаткорӣ ба қонун мебошад. Чунки дар хуни халқи мо эҳтиром нисбати қонун асрҳои аср боз ҳукмрон асту вале сохти пештараи тоталитарӣ онро то андозае суст гардонд ва баробари ба даст омадани истиқлолияти миллӣ ин тинати ба халқамон хос боз забона зада, алҳол дар ҳаёт мавқеи мустаҳками амалии худро пайдо мекунад.

Як далелро алоҳида таъкид кардан лозим меояд. Дар бобати таъмини итоаткорӣ ба қонун, риоя ба қонун нақши мақомоти судиву ҳуқуқу тартибот махсусан калон аст. Зеро таҷрибаи таърихӣ собит кардааст, ки чӣ тавр кормандони ин ташкилоту муассисаҳо маҳз ба қонунҳо муносибат доранд, шаҳрвандони оддӣ ба он нигоҳ карда, барои худ масъалаи эҳтиром ва риоя кардани қонунҳоро ҳаллу фасл мекунанд. Яъне дар рӯҳи муносибати боэҳтиромона нисбати Конститутсия, итоаткорӣ ба қонунҳо тарбия намудан дар ҷамъияти мо аз бисёр ҷиҳат пеш аз ҳама ба мақомоти давлатӣ—хоҳ суд, хоҳ додситон, милиса ва хоҳ мақомоти адлия, алқисса ба ононе вобаста аст, ки дар ин идораҳо кор мекунанд. Вале чунone ки панҷ панҷа баробар нест мегӯянд, дар байни коркунони ин мақомот ҳанӯз шахсоне ҳастанд, ки дар навбати аввал ғами хешро мехӯранду баъд ба иҷрои қонун ғамхорӣ зоҳир менамоянд. Дар он сурат онҳо аз дигарон чиро талаб карданашон мумкин аст? Агар онро мухтасар тавзеҳ диҳем, онҳо аз дигарон риоя кардани қонунҳоро талаб мекунанду худашон бошанд, онҳоро инкор мекунанд. Ва ин нуктаро амиқан таҳлил намуда, набояд фаромӯш кард, ки эҳтироми одамон нисбати қонун бо эҳтироми аҳолӣ нисбати ҳокимият узван пайваст аст.

Барои раҳоӣ бахшидан аз ин иллатҳо чӣ бояд кард? Дар навбати аввал зарур аст, ки тарбияи ҳуқуқӣ пурзӯр карда, маданияти ҳуқуқии одамон баробар бо фарҳанги умумиашон бечуну чаро баланд бардошта шавад. Яъне дар ҳама ҷо аз боғчаи бачагон сар карда то маҳалли истиқомат саросар омӯзондани Конститутсия ва қонунҳо зарур мебошад.

Баъдан, дуруст интихоб карда, ба вазифаҳо таъину интихоб кардани кадрҳои роҳбарикунанда дар бобати таъмини риояву итоаткорӣ ба қонун нақши муҳиме мебозад.

Дар бобати итоаткорӣ ба қонун тарбия намудани аҳолӣ, ҳамчунин босамар гардидани фаъолият, пешгирӣ кардани қонуншиканӣ нақши назорат ҳам калон аст. Мо дар ин ҷо назорати мақомоти назораткунандаро дар назар надорем. Ин назорати ҷамъиятӣ мебошад. Яъне баробари қадамҳои боэътимод гузоштан ба сӯи ҷамъияти шаҳрвандӣ як қатор вазифаҳои назоратии давлат ба зиммаи ташкилотҳои ҷамъиятиву ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳо ва ҷамъомади шаҳрвандон мегузарад ва он ба ғояи мо гузаштан аз давлати пурқувват ба ҷамъияти пуриқтидори шаҳрвандон пурра созгорӣ пайдо мекунад.

Халқи мо соҳиби мақомоти нодири ба худ хоси идораи ҷамъиятӣ мебошад, ки онро бо дигар сохторҳо қиёс кардан мумкин нест. Ва он низоми маҳалла мебошад, ки дар бадали садсолаҳо ва махсусан дар солҳои истиқлолият мувофиқи талаби давру замон такмил мeёбад. Медонем, ки ин сохтор фаъолияти серҷанбаву доманадорро оид ба таҳкими сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ, зоҳир кардани шафқату хайрот нисбати одамон ва тарбияи ҷавонон амалӣ мегардонад ва он яке аз рукни асосии назорати ҷамъиятист. Вале, мутаассифона, он ҳамчун усули нодири худидора нерӯи бузургро дар бобати назорати ҷамъият соҳиб асту то ҳол ба қувваи ҳалкунанда мубаддал нагардидааст.

Дар бобати таъмини риояву эҳтироми қонун нақши омӯзиши Конститутсия ва қонунҳо низ хеле калон аст. Пас ҳамин тавр бошад, ба мо зарур аст, ки мазмуну мундариҷаи онҳоро ҳамаҷониба омӯзем, тавзеҳ диҳем ва дар амал истифода бурдани Конститутсияеро фаҳмем, ки маҳаки ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ баъди интишор гардидани Амри Президент дар бобати омӯзиши Конститутсия тавзеҳи он дар боғчаи бачагон ба роҳ монда шуд, дар мактабҳо дарсҳоро дар ин бобат мегузаронанд, дар муассисаҳои таълими миёнаи махсусу олӣ онро ба сифати яке аз дарси махсус таълим медиҳанд. Дар корхонаву ташкилотҳо, муассисаҳо, маҳали истиқомат омӯзиши Қонуни Асосӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин машғулиятҳо пеш аз ҳама дар хусуси он сухан меронанд, ки Қонуни Асосӣ комёбии бузурги таърихии халқи мо дар солҳои истиқлолият мебошад. Конститутсия барои мо на танҳо барномаи муҳимтарини ҳаётии арзи амал, балки фахру ғурур, ҳифозатгари боэътимод барои тамоми одамоне мебошад, ки дар ин сарзамин новобаста аз миллат, забон, эътиқод умр ба сар мебаранд.

Алқисса, омӯзиши Конститутсия дар бобати баланд бардоштани маданияти ҳуқуқии аҳолӣ, волоият доштани қонунҳо, риояи қатъӣ ба онҳо нақши калоне мебозад.

## XII. Ба ҷои хотима

Ба касе пӯшида нест, ки ҳар як ҷамъият ояндаи ҳаёти худро ба нақша мегирад, баҳри фароҳам овардани таҳкурсии мустаҳкам ба он саъю кӯшиш менамояд. Агар аз ин нуқтаи назар нигоҳ кунем, комёбии асосии давлатамон, ҷамъиятамон Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон мебошад. Зеро Қонуни Асосӣ симо ва обрӯи давлатро муайян мекунад. Тавассути ана ҳамин Қомус ҷаҳон давлатро ҳамчун давлат, миллатро ҳамчун миллат мешиносад. Конститутсияи мо азму ирода ва рӯҳи халқамон, шуури ҷамъиятӣ ва дараҷаи фарҳангии онро муйян мекунад. Аз ин рӯ, Қонуни Асосиро бе ягон муҳобот маҳсули хирадмандии сиёсӣ ва тафаккури мардумамон номидан мумкин аст. Зеро дар таҳияву муҳокимаи он тамоми халқ иштирок намудааст. Аз ин рӯ онро бо як ҷумла ифода намоем, Конститутсия ин маҳсули тафаккур ва эҷодиёти халқ аст.

Акнун вазифаи муҳимтарин ҳаматарафа омӯхтану дар ҳаёт амалан татбиқ кардани нуктаҳои он мебошад. Дар он сурат бе ягон душворӣ давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ сохта, ба чӣ қудрат ноил будани халқамонро нишон додан мумкин мегардад.

Барои тарғиби он аз тамоми воситаву имкониятҳо моҳирона истифода бурдан лозим аст. Аз он ҷумла, дар маҳалҳо намоишгоҳҳо бахшида ба Қонуни Асосӣ намоиш дода мешаванд. Боғу хиёбонҳо созмон меёбанд. Якеи он дар назди Донишгоҳи иқтисодиёти Тошканд арзи ҳастӣ карда, тадбирҳои муҳим дар ин бобат маҳз дар ҳамин маскан гузаронда мешаванд ва таъсирнокии онро баланд мебардоранд.

Алҳол ғояи созмон додани Осорхонаи Конститутсия аз тарафи зиёиён пеш гузошта мешавад, ки боиси дастгирист. Агар мо ин корро кунем, дар он сурат ба комёбиҳое филфавр сарфаҳм меравем, ки ба туфайли Қонуни Асосӣ ба даст омадаанду эҳёи ҷумҳуриятамон, гузоштани пойдевори тавонои истиқлолияти моро таҷассум мегардонад. Он бори дигар нишон медиҳад, ки давлати моро давлат, миллати моро миллат гардондааст.

Комёбиҳо аз они худамон аст. Акнун лозим меояд дар бораи камбудиҳо бештар ҳарф занем, аз паи тезтар бартараф сохтани онҳо гардем. Чунки онро касе аз берун омада ислоҳ намекунад. Оё беҳтар нест, ки онҳоро худамон ошкоро эътироф намоем ва худамон барҳам занем?

Дар ин бобат ҳар якеамон бояд пеш аз ҳама бо корҳои иҷрокардаамон дар назди виҷдон, дар назди халқамон ва аҳли ҷамъият ҷавоб гардонем. Ва ин буд сабақҳои мухтасар дар бораи Қонуни Асосӣ.

**Т.ЭҲСОН.**

# Навгониҳо

## Семоҳагии ободгардонӣ

Нақшаи тадбирҳо оид ба гузарондани семоҳагии ободгардонӣ ва сабзу хуррамгардонии вилояти Қашқадарё таҳия гардидааст ва корҳо дар ин самт оғоз ёфтаанд. Мувофиқи он то 15 марти соли оянда дар ҳамаи маҳаллаҳо ва гузарҳо, дар атрофи бошишгоҳҳои саҳроии хоҷагиҳои ширкативу фермерӣ, қитъаҳои замине, ки ба пудратчиёни оилавӣ ва фермерон ҷудо карда шудаанд, ниҳоли дарахтони боровару манзаравӣ шинонда, ҷӯю каналҳои обёришаванда тоза карда мешаванд. Ҳамчунин обод гардондани биноҳои нави мактабҳо, коллеҷҳо, пунктҳои духтурии деҳоте, ки соли 2002 ба истифода супурда шудаанд ва сабзу хуррамгардонии ҳудудҳое, ки ба раёсатҳои вилоятии таълими халқ, таълими миёнаи махсус, касбу ҳунар ва нигаҳдории тандурустӣ мансубанд, дар назар дошта шудаанд. То иди Наврӯз пурра аз тармим баровардани иншоотҳои варзиширо пешбинӣ кардаанд.

## Бозори нави Асака

Дар шаҳри Асакаи вилояти Андиҷон бинои бозори нави универсалӣ дари худро боз намуд, ки ба талабҳои андозаҳои байналхалқӣ пурра ҷавобгӯст. Маҷмӯи тиҷоратӣ мувофиқи анъаноти меъмории миллӣ сохта шудааст ва кулли шароитро барои деҳқонон, тадбиргарон ва харидорон фароҳам овардааст.

Дар бозори нав, ки майдони умумиаш қариб ба чорсад гектар баробар аст, 650 шабакаи савдои болопӯшида амал мекунаду дар шароити дилхоҳи табиӣ шароити заруриро фароҳам меоварад. Ҳамчунин 132 мағозаи тиҷоратӣ, 8 ошхона, меҳмонхонаи дорои 30 кат, хонаи борнигаҳдорӣ, истгоҳ барои мошинҳо ба харидорону фурӯшандагон ва меҳмонон хизмат мерасонад. Барои иҷрои корҳо қариб 2 миллиард сӯм харҷ гардидааст.

## Маҳсулоти «Садда»

Фирмаи истеҳсолии «Садда»-и ноҳияи Тошлоқи вилояти Фарғона ба истеҳсоли маҳсулоти сермасриф—риштаи таъиноти ҷарроҳӣ шурӯъ намуд. Мутахассисон ба сифати маҳсулот баҳои баланд доданд.

Дар натиҷаи ба кор шурӯъ кардани фирма 38 нафар ҷавонписару духтари маҳаллӣ бо шуғли доимӣ фаро гирифта шуданд. Иқтидори корхона, ки ба соле тайёр кардани 7 миллион метри тӯлонӣ риштаи таъиноти ҷарроҳӣ муқаррар гардидааст, ҳамчунин барои омода сохтани атлас ҳам истифода бурда хоҳад шуд.

**(Аз рӯи хабарҳои оҷонсиҳои иттилоотӣ таҳия гардидааст).**

# «Бурдборӣ натиҷа дод»

**—Мегӯяд раиси хоҷагии ширкатии ба номи Б. Омонов Олимҷон Ҷӯраев.**



Хоҷагии ширкатии ба номи Б. Омонов дар ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё аз хоҷагиҳои номдор ба шумор меравад. Заминҳои корами хоҷагии номбурда ба чанд хоҷагиҳои фермерӣ ва ширкатӣ тақсим гаштааст. Ҳоло дар ин хоҷагии ширкатӣ 730 гектар замини корам мавҷуд аст. Аз ин ҳисоб кишоварзон ба 416 гектари он ғалла ва дар 314 гектараш пахта мекоранд. Соли ҷорӣ кишоварзон ба инҷиқиҳои табиат нигоҳ накарда, аз пахта ва ғалла ҳосили баланд ба даст оварданд. Хоҷагӣ имсол низ нақшаи пахтаро дар ноҳия аз аввалинҳо шуда таъмин намуд. Дар бораи корҳои саҳроӣ ва дигар комёбиҳову муаммоҳои хоҷагӣ сарвари он Олимҷон Ҷӯраев ба паёмнигори рӯзнома чунин нақл намуд.

- Соли ҷорӣ барои кишоварзони ҷумҳурӣ ва ноҳияи мо басо душвор буд. Ба ҳамаи мушкилиҳо нигоҳ накарда, кишоварзони хоҷагии ширкатии ба номи Б. Омонов бурдборона заҳмат карданд. Ба ҳамагон маълум аст, ки соли ҷорӣ сербориш омад. Кишоварзон дар як қитъа ду-себорӣ пахта коштанд. Пуртоқатӣ ва меҳнаткаринии кишоварзон натиҷаи хуб дод. Мо нақшаи ғалларо пурраву барзиёд иҷро кардем. Иҷорачиёне буданд, ки аз ҳар гектар аз 43-45 то 50 сентнерӣ ғалла ғун карда ,ҳам реҷаи давлатӣ ва ҳам анбори худро пур карданд. Мо аз ин комёбиҳо рӯҳ гирифта парвариши пахтаро ҳам хуб ташкил намудем. Ҳосилнокиро ба 35 центнерӣ расонидем. 80 фоизи пахтаро ба давлат бо навъи аввал супоридем.

Дар ин комёбиҳо ҳиссаи иҷоракор Қарасоч Латифова, ки аз 1,5 гектар 64, 5 сентерӣ ҳосил ба даст овард, калон аст. Ронандагони мо Саъдулло Раҷабов, Абдуқаҳҳор Абдураҳимов, Саидвафо Ҷумъаев, Равшан Қурбонов, Ҳазрат Ботиров, Эшонқул Назаров, Ҳасан Комилов, Бек Мирзаев, Ӯткир Маллаев низ пурсамар меҳнат карданд.

Имсол ба майдони 416 гектар ғалла коштем. Ҳоло сабзаи тару тозаи ин заминҳо чашмро мебаранд. Имрӯзҳо ба таъмири техника машғулем. Ният дорем, ки тамоми техникаи мавҷударо пурра ва босифат аз таъмир бароварда, ба кори саҳро омода кунем.

Ногуфта намонад, ки хоҷагӣ инчунин 922 сар гӯсфанди ҳисорӣ дорад. Соли гузашта аз ҳар сад сари он 92-тоғӣ барра гирифтем. Имсол бино ба ҳисобу китобҳои пешакӣ 56 миллиону 333 ҳазор сӯмина фоида ба даст меоварем. Ният дорем, ки ин маблағро баҳри боз ҳам ривоҷу равнақ додани хоҷагӣ, ободонии он, некӯаҳволи кишоварзон истифода бубарем.

**Мусоҳиб Нуралии РАҶАБ, паёмнигори «Овози тоҷик».**

Соли эъзози куҳансолон

# Орзуи Сулаймонбобо

Эҳтиром ба анъана ва урфу одатҳои мардумӣ метавон гуфт маҳаки асосии мафкураи ҷомеа мебошад. Эъзоз намудани куҳансолон низ яке аз анъанаҳои маънавияти халқ аст. Зеро дар рӯзгори ҳамарӯза онҳо роҳи зиндагии моро мунаввар месозанд. Ҳофизи Шерозӣ мефармояд:

**Насиҳат гӯш кун ҷоно, ки аз ҷон**
**дӯсттар доранд,**
**Ҷавонони саодатманд панди**
**пири доноро.**

Илова бар ин панду насиҳатҳои сершумор доир ба эҳтироми кӯҳансолон мавҷуд, ки водор месозад мақоми онҳоро бидонему сазовори дуои некашон гардем. Ҳар кас дар зиндагӣ мебинад ва мушоҳида мекунад, ки дар хонадоне, ки баимон ҳаст, файзу барака низ ҳаст.



Яке аз ҳамин гуна хонадонҳо оилаи Мавлоновҳо аз шаҳри Бухорост. Пешомад ё саромади имрӯзаи хонадон Сулаймон Мавлонов марди солдидаву аз ҳаёт таҷрибаандӯхта шоҳиди ҳодисаҳои гуногун аст. Дар ҳаёт ӯ ҳамеша кӯшидааст ба мардум хизмат расонад ва мушкили корафтодаеро осон гардонад. Вай ин рафторро саодати умр меҳисобад. Сулаймонбобо яке аз он солдидаҳои Бухорои шариф аст, ки манбаи ифтихори насли имрӯза мебошад.

Дар маҳалла ӯро хурду калон мешиносанду эҳтиромаш мекунанд. Чунки ҳеҷ як тӯю маросим бе маслиҳат ва иштироки ӯ намегузарад. Солҳои зиёд вакили маҳалла буд ва ба ҳамин қарибиҳо баъди бемории дил аз иҷрои вазифа озод гашт. Вале Сулаймонбобо Мавлоновро мардум ҳурмат карда, номашро ба некӣ ёд мекунанд. Нигоҳ доштани тартибу интизом, озодагӣ ва ободонӣ ҳамеша дар маркази диққати ӯ буд. Ҳангоми тӯю маъракаҳо роҳ надодан ба хароҷоти барзиёдатӣ, сарфакориро талаб ва тарғиб менамуд. Баҳри мустаҳкамии оилаҳои навбунёд панду насиҳат мехонд. Зеро пояи хушбахтии инсон хушбахтии оила аст, батаъкид мегуфт мӯйсафед.

Сулаймон Мавлонов соли 1925 дар Бухорои шариф дида ба дунё кушодааст. Бо тақозои тақдир ба ноҳияи Шофиркон кӯч баст. Дар он ҷо ба камол расида таҳсили илм кард. Дар шаҳри Самарқанд ба омӯзишгоҳи кишоварзӣ дохил шуда,ба тахассуси зооинженер соҳиб мешавад. Солҳои дароз аз рӯи ихтисос меҳнат мекунад ва тамоми ноҳияро савораю пиёда тай мекунад.

Бо тақозои тақдир дар Шофиркон бо Ҳайитой Мавлонова ҳамхона мегардад. Дар давоми солҳо соҳиби панҷ писару чор духтар мегардад ва онҳоро ба камол мерасонад. Чашмони Сулаймонбобо аз камол ва ҷамоли фарзандонаш нур мегирад.

— Соли 1970 нағз дар хотирам нақш бастааст. 14-уми моҳи март ба зодгоҳам, Бухорои шариф баргашта омадам. Албатта, меҳри он ҷое, ки хуни ноф рехтааст, ҳамеша ба худ мекашад. Якчанд сол дар ташкилоти савдои шаҳр ба сифати мудири анбор адои вазифа намудам. Сарвари маҳалла будам. Солҳо низ гузаштанд. Фарзандонам соҳиби илму ҳунар ва дару хона ҳастанд, ки ман аз ин хотирҷамъ ҳастам. Бисту панҷ набера дорам. Орзу мекунам, ки дигарон низ мисли ман давлати пириро бинанд,—мегӯяд Сулаймонбобо.

Ҳамсари ӯ Ҳайитхола низ пиразани зиндадилу серҳаракат, соҳибхонаи оқилаю рамузфаҳм. Ҳамеша дар атрофи ҳамсараш парвона. Ҳангоме, ки онҳоро як ҷо мебинед, ба ваҷд меоед.

Фарзандон ҳама дар ҳаёт мисли падару модар дар хизмати мардум камарбастаанд. Нахустинашон Бахтиёр дар идораи давлатӣ, Исмоилу Ибодулло корманди соҳаи коммуналӣ, Мамлакат бошад, муаллимаи Донишкадаи тиббии Самарқанд аст. Фазилат, Сабоҳат, Санавбар ва Ҳаёту Ҳамза ҳам соҳиби касбу кори худ мебошанд.

Дар кӯчаи Афросиёби шаҳри Бухоро хурду калон ҳама оилаи онҳоро хуб медонанду бо назари ҳавас менигаранд.

Сулаймонбобо ҳамеша шукр мегӯяд ва илтиҷо мекунад, то ки осоиштагии мамлакат баркарору ободониву фаровонӣ бошад.

**Ш.ФАРИДОВ, шаҳри Бухоро.**

# Босамар ба анҷом расид

**Мувофиқи Амри Девони Вазирон аз 15 ноябр то 15 декабри соли кунун «Якмоҳагии бехавфӣ аз сӯхтор» гузаронда шуд.**

Вазорати умури дохила ба мақсади иҷрои амр нақшаи тадбирҳои ташкиливу амалиро дар бобати ба рӯи об баровардани якмоҳагии бехавфии сӯхтор таҳия намуд. Ҳамчунин Сарраёсати бехавфӣ аз сӯхтор якҷоя бо идораҳои дахлдор тадбирҳои заруриро андешид. Мувофиқи амр Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд комиссияҳоро оид ба ташкилу гузарондани якмоҳагӣ созмон доданд.

Тадбири мазкур, ки барои босамар гардондани таъмини бехавфӣ аз сӯхтор нигаронда шуда буд, баъди таҳлили корҳои ба иҷро расида нишон дод, ки нақшаҳо дар ҳаёт татбиқи амалии худро ёфта, барои босамар гаштани корҳо дар ин бобат омили муҳим гардидаанд. Дар бадали тадбир обектҳо қатъӣ назар аз шакли моликият ва мансубияти идоравӣ, корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, бунёди манзил ба ҳолати мувофиқи талаби якмоҳагии бехавфӣ аз сӯхтор оварда шуданд. Дар обектҳои тоифагӣ ва муҳими ҷумҳурият тадбирҳои пешгирии сӯхтор андешида шуданд.

—Дар пойтахти ҷумҳурият, ки корхонаҳои асосии саноатӣ ҷойгиранд ва аҳолӣ ниҳоят зич ҷойгир гардидааст, тадбир муташаккилона гузашта, тамоми нақшаҳои андешида ҷомаи амал пӯшиданд,—гуфт ҷонишини сарвари раёсати бехавфӣ аз сӯхтори Сарраёсати корҳои дохилаи шаҳри Тошканд Турғунбой Самадов.— Ҳангоми ба рӯи об баровардани тадбир далели мазкур,— дар давоми айёми сипаришудаи сол ба амал омадани сӯхтор ва ба 44,9 фоиз рост омадани он дар хонадонҳо ба назари эътибор гирифта шуд. Аз ҳамин сабаб коркунони раёсатамон дар маҳаллаҳо, хонадонҳо, мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ шуда, корҳои тарғиботиву тавзеҳотиро авҷ гиронданд.

Ба мақсади риоя кардани қоидаҳои бехавфӣ аз сӯхтор чӣ тавр ташкил кардани корҳо ва ҳамчунин баланд бардоштани босамарии тадбирҳо дар соҳаи мазкур тафтишҳо ва санҷишҳо гузаронда шуданд. Камбудиҳои зиёде ошкор гардида, ба сарварони корхонаҳо ва ташкилотҳо 10 ҳазору 97 фармоиши хаттӣ дода шуд. Шахсони мансабдоре, ки қоидаҳои бехавфии аз сӯхторро дағалона вайрон кардаанд, ҷазои сазовор гирифтанд. Аз он ҷумла, аз 147 шахси мансабдор ва шахсони масъул ба андозаи 4 миллиону 195 ҳазор сӯм ҷарима ситонда шуд. 1020 корхона, ташкилот ва муассиса аз назар гузаронда,фаъолияти анбору иншоотҳои ёрирасони истеҳсолии онҳоро, ки хавфи сар задани сӯхтор вуҷуд дошт, боздоштем. 5 ҳазору 144 шабакаи ғайриқонунӣ ва носози барқиву газ аз манбаъ канда шуд.

Миқдори фавтидагон ва ҷабрдидагоне, ки бар асари сӯхтор рух дода буданд, нисбати ҳамин давраи соли гузашта хеле кам гардид. Яъне нисбати соли гузашта миқдори ҳалокшудагон ба 50 фоиз, ҷароҳатбардоштагон ба як кас кам гардид. Ва он самараи тадбирҳо оид ба пешгирӣ кардани ҳодисаҳои фоҷиавӣ бо иштироки шаҳрвандон мебошад.

Вале миқдори сӯхтор нисбати ҳамин давраи соли гузашта ба 20,3 фоиз афзуданаш ҳолати ташвишовар мебошад. Сабаби он дар риоя накардани қоидаҳои бехавфии сӯхтор, бепарвоӣ мебошад. Зеро сӯхторҳо бештар аз сабаби сӯзондани хазонрезаҳо ва ахлотхонаҳо сар задаанд.

Бо назардошти сабақи якмоҳагӣ дар раёсати бехавфӣ аз сӯхтори шаҳри Тошканд нақшаи «Хонадон» таҳия гардида, ба рӯи об баровардани тадбирҳои зарурӣ дар байни аҳолӣ ба нақша гирифта шуд.

**Беҳзод НОРБОЕВ, мухбири ЎзА.**



Кормандони раёсати ҷустуҷӯи ҷиноят ва мубориза ба муқобили терроризми Сарраёсати корҳои дохилаи шаҳри Тошканд корҳои зиёди боиси диққату эътиборро ба иҷро мерасонанд. Аз он ҷумла, коркунони шӯъбаи махсуси аз тазйиқи ҷиноӣ ҳимоя кардани бозорҳои деҳқонӣ ва тадбиргарон дар ин бобат намунаи ибрат мегарданд.

**Дар суратҳо: 1.** Вакили калони тезкори корҳои аз ҳама муҳими шӯъбаи мазкур подполковник **Раҳимҷон Тӯхтабоев** (дар мобайн) бо кӯмаки шоҳидон маблағи мусодирагардидаро ба ҳисоби давлат мегузаронад. **2.** Пулҳои мусодирагардида далели ашёӣ аз шаҳрвандон.

**Аксбардор: Ҳусанбой АВВАЛОВ.**



